**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 -и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзуи «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (Душанбе, 2024. – 122 саҳ).**

Муносибати байни шахс ва давлат яке аз мушкилоти мубрами афкори сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки таърихи бисёрсола дорад. Хусусияти муносибатҳои давлат ва шахс нишондиҳандаи муҳими вазъи ҷомеа дар маҷмуъ, ҳадафҳо ва дурнамои рушди он мебошад. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев Исфандиёр Карахонович бешубҳа, бо мубрамияти худ фарқ мекунад. Докторант дуруст қайд мекунад, ки дар масири таърих инсон баҳри ноил гаштан ба ҳуқуқҳое, ки ба ӯ зиндагии шоиста ва озодиро таъмин менамоянд, муборизаҳо бурда, ҷонбозиҳо кардааст. Илми ҳуқуқшиносӣ, бавижа таърихи ҳуқуқи инсон, ҳамаи инро собит менамояд. Бо мурури замон ҳуқуқи инсон аз ахлоқу маърифат, гояву наза-рия ба унсури марказии сиёсати давлатӣ мубаддал гардид. Дар сатҳи давлатӣ ҳуҷҷатҳои махсус оид ба ҳуқуқи инсон таҳия ва қабул карда шуданд. Ҳуқуқи инсон ҳамчун ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ, ки онро давлат кафолат медиҳад, ба расмият шинохта мешавад. Эъломияҳо, хартияҳо, конститутсияҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд, ки ҳуқуқи инсонро мустаҳкам карда, баҳри таъмини онҳо кафолатҳои зарурӣ муҳайё намуданд. Эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон бар дӯши давлат мебошад.

Аз таҳлили автореферат бармеояд, ки шахс ва давлат организмҳои доимо тағйирёбанда ва рушдёбанда мебошанд, ки дар натиҷа хусусияти муносибатҳои онҳо низ тагйироти доимӣ ба амал меорад. Асоси ин муносибатҳо таъмини тавозун, баробарии манфиатҳои шахс ва давлат мебошад. Маҳз ин формула асоси манфиатҳои миллиро ташкил медиҳад, ки ба муттаҳидсозии ҷомеа, рушди устувори он ва таъмини амният нигаронида шудааст.

Дар интиҳои асри гузашта ва ибтидои асри нав заминаҳои ҳуқуқии механизмҳои байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс такмил ёфтанд. Айни замон ба ин раванд тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ дар пасманзари паҳншавии стандартҳои ғарбии ҳуқуқи инсон таъсир расониданд. Бояд гуфт, ки тафовути фарҳангӣ-тамаддунӣ дар марҳилаҳои пештараи инкишофи таърихӣ низ му-шоҳида мешуд. Гуногунии фарҳангу тамаддунҳои ҷаҳон қонунияти табиии инкишофи таърихӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар шароити вусъат ёфтани равандҳои умумиҷаҳонии дар боло зикршуда таҳқиқоти илмии сатҳи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс мубрам аст. Таҳқиқоти илмии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти таҷрибаи байнамилалӣ, минтақавӣ ва миллӣ имко-ният медиҳад, ки таҷрибаи созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, давлатҳои ҷудогонаи ҷаҳон дар соҳаи таъмин ва ҳифзи ҳуқуқи инсон, ки унсури бунёдии робитаи давлат ва шахс мебошад, ҷамъбаст ва таҳлил карда шавад. Дар ин замина, таҳқиқоти гузаронидаи Миралиев И.Қ. имкон медиҳад, ки хусусиятҳои модели миллии робитаи давлат ва шахс бо дарназардошти шароити таърихӣ, ки дар кишварҳои ҷудогона ташаккул меёбад, ҳамчунин, дар шароити гуногунии фарҳангӣ ва тамаддунӣ муайян карда шаванд.

Докторант асоснок мекунад, ки асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро хулосаҳо ва муқаррароти умумиэътирофшуда, ки дар адабиети илмии ҳуқуқӣ тахия шудаанд, ташкил медиҳанд. Ба ақидаи ӯ, заминаи назариявии таҳқиқоти гузаронидашударо асарҳои илмии Н.А. Абдуллоев, У.А. Азиззода, Г.С. Азизкулова, З. Ализода, Н.И. Бобоева, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Э.Б. Буризода, А.М. Диноршоҳ, Ҷ.М. Зоир, А.И. Имомов, З.Ҳ. Искандаров, Ш.Ф. Искандаров, А.Х. Маликова, М.А. Маҳмудзода, И.Т. Маҳмудов, Х.М. Мирзамонзода, Э.С. Насриддинзода, О.Э. Раҳмон, Д.С. Раҳмон, Р.Ҳ. Раҳимзода, С.А. Раҷабов, Б.А. Сафарзода, Н.Ф. Сафарзода, И.И. Саидзода, Ҷ. Саъдизода, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқзода, Р.Ш. Шарофзода, Т.Ш. Шарипов, Ф.М. Шоев ва дигарон ташкил медиҳанд.

Диссертатсияи Миралиев И.Қ. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, чор боб, ҳабдаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 520 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи таҳқиқи мавзуъ, докторант 21 навгониро барои ҳимоя пешниҳод намудааст. Ғайр аз ин дастоварди илмӣ, докторант оид ба такмили қонунгузории соҳавӣ, санадҳои қонунӣ дар соҳаи рорбитаи давлат ва шахс тавсияҳои зиёде додааст. Навовариҳои пешниҳодшуда сазовори дастгирӣ мебошанд. Бояд саҳми муаллифро дар муайян кардани масъалаи робитаи давлат ва шахс дар сарзамини аҷдодии тоҷикон қайд кард.

Мақсади таҳқиқоти докторӣ дар маҷмуъ муваффақона ба даст оварда шудааст. Вазифаҳои таҳқиқот бо муқаррароти барои ҳимоя баровардашуда алоқаманданд. Автореферат ба сохтор ва мундариҷаи диссертатсия комилан мувофиқат мекунад, унсурҳои заруриро дар бар мегирад.

Муқаррароти илмӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд барои такмил ва таҳкими қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ, фаъолияти мақомоти соҳавӣ, дар таҳсилоти ҳуқуқӣ истифода шаванд.

Аз мундариҷаи автореферат метавон қайд кард, ки докторант Миралиев И.Қ. бо сабаби қобилияти баланди таҳқиқоти илмӣ усулҳои кор бо адабиети илмиро хуб медонад ва онҳоро дар кори худ моҳирона истифода бурдааст.

Дар соҳаи илмӣ методикаи таҳқиқи вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда таваҷҷӯҳи зиёд дорад. Дар рисолаи диссертатсионӣ усулҳои умумиилмӣ ва махсуси дониш истифода шудаанд.

Таваҷҷӯҳ ва муқарраротиi барои ҳимоя пешниҳодшуда ва асоснокии онҳо дар матни реферат ба вуҷуд меояд.

Доир ба муҳтавои диссертатсия докторант 2 монография, 2 китоби дарсӣ, 6 воситаи таълимӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 19 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 18 мақола дар дигар нашрияҳо ба чоп расонидааст.

Албатта, дар баробари муваффақиятҳо, бо сабаби мураккабии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар кор баъзе нуктаҳои баҳсбарангез мавҷуданд. Масалан, боби якуми рисола «Ташаккул ва инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс дар ҷараёни таҳаввулоти ҳуқуқи инсон» ном дошта, дар ду зербоби аввал, таҳаввули андешаҳо оид ба ҳуқуқи инсон, ташаккул ва инкишофи заминаҳои мафкуравӣ, фарҳангӣ ва назариявии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс ва мамолики Ғарб таҳлил карда шудаанд. Омӯзиши заминаҳои мафкуравӣ ва фарҳангии робитаи давлат ва шахс дар афкори сиёсӣ ва ҳуқуқии тоҷику форс басо муҳим мебошад, аммо ба андешаи мо хуб мебуд, ки аз ҷониби рисоланавис масоили мазкур фароҳтар, яъне таҳлили афкори сиёсии тамоми давлатҳои Шарқ баррасӣ карда мешуд.

Инчунин дар боби сеюм «Робитаи давлат ва шахс дар ҳошияи сиёсати ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон» рисоланавис масоили сиёсати ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқи инсон дар давлатҳои Аврупо, Амрикои Лотинӣ ва минтақаи Африқо таҳлил намудааст. Аммо аз матни автореферат номаълум аст, ки муаллиф масоили амалишавии сиёсати ҳуқукиро дар давлатҳои Осиё ва Америкаи шимолӣ таҳлил кардааст ё не.

Бояд қайд кард, ки ин эродҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, сифат ва сатҳи диссертатсияро паст намекунанд, балки мавқеи муаллифро ҳангоми ҳалли мушкилоти таҳқиқшаванда нишон медиҳанд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар сатҳи арзандаи назариявӣ иҷро шудааст, дорои аломатҳои навин мебошад, ба талаботи муқарраршуда барои диссертатсияҳо барои дарефти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ мувофиқат мекунад. Дар бораи методологияи таҳқиқот, сохтори кор, пойгоҳи эмпирикӣ ягон эроди ҷиддӣ ошкор карда нашудааст. Нашрияҳои муаллиф ба мушкилоти эълоншудаи таҳқиқот мувофиқат мекунанд.

Хулосаҳои назариявӣ, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалии дар рисола мавҷудбуда хусусияти ояндадор доранд. Онҳо метавонанд дар раванди таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода шаванд. Муқаррароти алоҳида ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳам дар ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам дар таҳияи дастурҳои таълимӣ ва методӣ истифода шаванд.

Дар асоси гуфтаҳои боло бояд хулоса кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Миралиев Исфандиёр Қарахонович дар мавзӯи: «Назария ва амалияи байналмилалӣ ва миллии робитаи давлат ва шахс: таҳқиқоти назариявӣ-методологӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат кори илмии анҷомёфта маҳсуб ёфта, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини аввал,
муовини директори иҷроия оид ба илм,
инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии
филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба
номи М.В. Ломоносов дар ш. Душанбе
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.М.Диноршоҳ

**Суроғаи муқарриз:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар, 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-02, Email: a.dinorshoh@msu.tj

Имзои Диноршоҳ А.М.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ ва корҳои махсус С.М. Пирназаров
«15» апреля соли 2024